**Нусха**

**аз қарори ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз санаи 22.01.2022, №6**

**Иштирок доштанд:**
номзадони илм, дотсентон, Самадов А.С., Соҳибназарова Ҳ.Т., Маҳмудзода М.А., н.и.ф., муаллими калон Азиззода Д.М.,
муаллимони калон Қадамсаидов С., Зокирзода М., ассистентон Сафарзода Р.А., Ҳамроев О.А., Шоназаров З., Акрамова О.

**Рӯзнома:**

1. Баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи доктор (PhD)-и Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Ҷаласаро бо сухани муқаддимавӣ мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума н.и.ф., дотсент Соҳибназарова Ҳ.Т. оғоз намуда, доир ба навгониҳо оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва муқаррароти дарҷшудаи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ба тасвиб расидааст, ба ҳозирин маълумот дод. Ҳамзамон, мавсуф қайд кард, ки Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович рисолаи номзадии худро, ки таҳти роҳбарии профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович анҷом додааст, барои муҳокима ба кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума пешниҳод намуд. Онро устодони кафедра номзадони илмҳои филологӣ, дотсентон Соҳибназарова Ҳ.Т., Самадов А.С. ва Маҳмудзода М.А. хонда, барои муҳокима дар кафедра тавсия доданд.

Сипас, сухан ба муаллифи диссертатсия Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дода шуд ва номбурда ба таври мухтасар тавассути презентатсия мазмун ва муҳтавои диссертатсияи худро баён карда, бандҳои ба муқаддима ва қисмати хулоса воридшударо ишора намуд.

Баъдан аъзои ҷаласа ба муҳокимаи диссертатсия оғоз намуданд.

Маҳмудзода М.А. дар баромади худ қайд кард, ки мавзуи диссертатсия актуалӣ буда, яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносиро дар бар мегирад.

Соҳибназарова Ҳ.Т., н.и.ф., дотсент дар баромади худ қайд кард, ки дар охири ҳар як банди хулоса истинод ба таҳқиқоти илмии худи диссертант, ки дар мақолаҳои ӯ зикр гардидаанд, оварда шаванд.

Самадов А.С. н.и.ф., дотсент чунин пешниҳод карданд, дар диссертатсия чанд камбудиву норасоиҳое ба назар расиданд, ки ба назари мо дар оянда барои беҳбудии таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла, дар охир тибқи дастурамали ба расмиятдарории диссертатсияҳо тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шаванд.

Пас аз баромади муқарризон докторант ба музокира баромада, муқарризонро барои таҳлили диссертатсия ва пешниҳодоту маслиҳатҳо изҳори миннатдорӣ намуда, қайд кард, ки дар оянда камбудиҳои пешниҳодшуда ислоҳ хоҳанд шуд.

Ҷаласаи кафедраро мудири кафедра дотсент Соҳибназарова Ҳ.Т. ҷамъбаст намуда, қайд кард, ки камбудиҳо аз тарафи докторант ислоҳ ва пас аз он ба бахшҳои минбаъда пешниҳод хоҳад шуд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, маҷлиси кафедра чунин

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи докторант (PhD)-и Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)», таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Ҷаматов Самиддин Салоҳидинович** анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Докторант вазифадор карда шавад, ки дар кутоҳтарин муҳлат диссертатсияро тибқи муқаррароти дарҷшудаи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ба тасвиб расидааст, таҳриру такмил дода, дар мувофиқа бо муқарризон барои баррасӣ ба муҳокимаҳои минбаъда пешниҳод намояд.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедра ва котиби ҷаласа вогузор карда шавад.

Раиси ҷаласа: Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Котиби ҷаласа: Сафарзода Рухангези Акбар